**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)**

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзӯи “Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Воридотивазкунии молу маҳсулот дар шароити иқтисодӣ бозорӣ яке аз он мушкилотест, ки рушди минбаъдаи кишвар аз ҳалли он вобаста аст. Таъмини аҳолии кишвар бо молу маҳсулоти ватанӣ имкон медиҳад, ки тараққиёти муътадили самарабахши иқтисодиёт ба даст оварда шавад.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои он мустақилияти иқтисодӣ, сари вақт нав кардани истеҳсолот, таъмини шуғли оқилона ва самаранок, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии одамон, таъминоти иҷтимоии онҳо ва ба даст овардани мувозинати берунии иқтисодӣ мебошад. Дар раванди воридотивазкунӣ саноатикунонӣ нақши муҳимро мебозад, ки боиси ба вуҷуд омадани таҷрибаи нави истеҳсолӣ, ҷойҳои нави корӣ мегардад.

Бо дарназардошти ҳолати зикршуда мавзуи таҳқиқоти илмии кори диссертатсионӣ таҳлили имкониятҳои иқтисодии ташкил ва тадбиқи фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсоли шакар, бо истифода аз лаблабуи қанд ва маҳсулоти нимтайёр барои истеҳсоли шакар дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатбахш мебошад.

Дар автореферат қайд карда мешавад, ки масъалаи муҳим барои иқтисодиёти кишвар ва таъмини талаботи мардум бо маҳсулоти асосӣ, истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дида баромада шудааст. Дар шароити имрӯза амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз буда, талабот ба маҳсулоти хурокворӣ рӯз то рӯз афзоиш ёфта истодааст. Инчунин, истеҳсоли ин навъи маҳсулоти хурокворӣ сад дар сад аз ҳисоби воридот аз хориҷи кишвар мебошад, ки вобастагии истеҳсолоти моро аз дигар давлатҳои воридкунандаи молу маҳсулот афзоиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, муаллиф масъалаи мубрами рӯзро, ки “Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” мебошад, мавриди таҳлил қарор додааст.

Аз сабаби баҳсбарангез будани масъалаи ташкил ва идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли молҳои саноатӣ, аҳамияти он дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба мол ва хизматрасониҳо дар иқтисодиёти мамлакат, асоси интихоби мавзуи илмӣ мебошад. Инчунин, дар автореферат натанҳо ташкили корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд, инчунин боиси рушди бозори истеъмолӣ, бахусус рушди корхонаҳои саноатӣ дида баромада мешавад.

Муалиф дар автореферати диссертатсияи худ самтҳои зерини мавзуи интихобгардидаро таҳлили дурусту барҳақ намудааст, ки метавонад барои ба роҳ мондани коркарди лаблабуи қанд мусоидат намояд:

- дараҷаи баланди даромаднокии иқтисодӣ ва фоидабахшро доро мебошад;
- баланд гардидани ҳавасмандии дигар соҳаҳои истеҳсолии кишвар,

ки метавонад ба сатҳи рушди иҷтимои кишвар низ тавассути ташкили ҷойҳои корӣ таъсиррасон бошад;

- таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ пурра мавриди таҳлил қарор гирифтааст;
- самтҳои асосии такмил додани механизми истеҳсолӣ дар корхонаи истеҳсоли шакар таҳлил гардидаанд;
- таҳия ва пешниҳод кардани моделҳои истеҳсолӣ барои корхонаҳои саноатии нав, ки боиси бавуҷуд овардани молҳои воридотивазкунанда мегарданд:
- пешниҳод кардани таклифҳо, ҷиҳати ташкили корхонаи истеҳсолии шакар ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ ва дар ин замина ташкили корхонаҳои нави дигар;
- истифода ва коркарди маҳсулоти иловагӣ аз лаблабуи коркардшударо пурра таҳия ва таҳлил намудааст.

Дар автореферати дисертатсияи мазкур бештар ҷиҳатҳои мусбат зиёд мебошад, ки дар иқтисодиёти кишвар таъсирбахш аст. Бо вуҷуди ин, дар кори илмӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасад. Аммо муаллиф дар шароити имрӯз тавонистааст, ки бори аввал чунин мавзуро ба таври пурра мавриди таҳлил қарор диҳад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзӯи “Равандҳои иқтисодию истеҳсолии лаблабуи қанд ва коркарду саноатикунонии он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ба ҳамаи талаботи Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда,

муалифи он сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда** **н.и.и. Манучеҳра Мадҷон Мирзоалӣ**
**Сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Тасдиқ мекунам:** **Ҳабибов Т.О.**
**муовини сардори Раёсати кадрҳо ва бахши махсуси Вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон**